**ПРОТОКОЛИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**аз 30 – юми августи соли 2025, № 123 ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**
Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз рӯйи ихтисос 4 нафар

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз мекунем. Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Раисикунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар ҳузур доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктορони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошад. Аз се ду ҳиссаи аъзои шуро ҳузур доранд, бинобар ҳамин шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд. Мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ҳузур доранд:

1. Додоматов Далерҷон Нишонбоевич – д.и.и.
2. Калемуллоев Мунир Воҳидович – д.и.и.
3. Шарифов Зариф Раҳмонович – д.и.и.

## РУЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Раҳматзода Мавзунахон Даврон дар мавзуи «Мукамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**- Қодирова Гулмо Толибовна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Олимов Исломхуҷа Аҳмадович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Раисикунанда:** Касоне, ки ҷонибдори тасдиқи рӯзномаи ҷаласа бошанд, хоҳиш мекунам, овоз диҳанд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Бо тарафдории ҳама тасдиқ карда шуд.

Ҳоло сухан барои шинос намудани ҳозирин бо ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ Бобиев Исмоил Атоевич дода мешавад. Марҳамат!

**Бобиев И.А.:** Маълумотномаи Раҳматзода Мавзунахон Давронро қироат мекунад.

**Раисикунанда:** Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур, шинед. Сухан ба унвонҷӯй Раҳматзода Мавзунахон Даврон барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад, тибқи банди 81 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) барои маърӯза то 20 дақиқа вақт дода мешавад. Марҳамат.

**Раҳматзода М.Д.:** Баромад мекунад.

**Раисикунанда:** Мухтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Кӣ ба Раҳматзода Мавзунахон Даврон савол дорад?

Аъзои зерини шурои диссертатсионӣ ба унвонҷӯ савол доданд:

1. Султонов Зубайдулло – д.и.и.
2. Умаров Хоҷамаҳмад – д.и.и.
3. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич – д.и.и.
4. Шарифов Зариф Раҳмонович – д.и.и.
5. Хочаев Парвиз Давронович – д.и.и.
6. Шарифзода Баҳром Маҳмуд – д.и.и.
7. Хушвахтзода Қобилчон Хушвахт – д.и.и., академик.

**Раҳматзода М.Д.:** Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя.

Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич дода мешавад.

**Дадоматов Д.Н.:** Тақризи худро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ташаккур!

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Бобиев Исмоил Атоевич барои шинос намудани ҳозирин бо хулоса оид ба натиҷаҳои экспертизаи муқаддамотии диссертатсия, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсияи мазкур ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад. Марҳамат мухтарам Бобиев И.А.

**Бобиев И.А.:** қироат мекунад:

1. Хулосаи натиҷаҳои экспертизаи муқаддамотии диссертатсия.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раисикунанда:** Мухтарам аъзои шуро ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Исмоил Атоевич хулоса ва тақризҳои қироатгардиди савол доред. Нест! Ташаккур!

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридгардида дода мешавад.

**Раҳматзода М.Д.:** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақризҳои ба автореферати диссертатсия гирифташуда ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Қодирова Гулмо Толибовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**Қодирова Г.Т.:** Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба унвонҷӯ Раҳматзода М.Д. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррizi расмӣ дода мешавад.

**Раҳматзода М.Д.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқаррizi расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккури зиёд! Мухтарам ҳозирин аз ҷониби муқаррizi расмӣ Олимов Исломхуҷа Аҳмадович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон тақриз ворид шудааст. Бо сабабҳои узрнок муқарриз ҳузур надоранд аммо аз ҷониби котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Бобиев Исмоил Атоевич манзури шумо мегардад. Марҳамат устод.

**Бобиев И.А.:** Тақризи муқаррizi расмиро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Раҳматзода М.Д. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Раҳматзода М.Д.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раисикунанда:** Ташаккур. Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Ба бахши мубоҳиса мегузарем. Тибқи муқаррарот на кам аз 2 нафар мутахассисони самти илмии ҳимояшаванда бояд баромад кунанд. Кӣ мехоҳад, ки ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ сухан кунад?

Баромад намуданд:

1. Калемуллоев Мунир Воҳидович – д.и.и.
2. Шарифов Зариф Раҳмонович – д.и.и.

**Раисикунанда**: Агар ягон шахси дигар хоҳиши ба сифати муқарризи ғайрирасмӣ баромад карданро дошта бошад, марҳамат? Хоҳишманд нест.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб гуфтан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавӣ дода мешавад!

**Раҳматзода М.Д.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раисикунанда**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Бо ҳамин мубоҳиса ва муҳокимаи диссертатсия ба итмом мерасад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои ин зарур аст, ки комиссияи ҳисоб дар ҳайати се нафар интихоб карда шавад.

Чи гуна таклифот оид ба аъзои комиссияи ҳисоб ҳаст, марҳамат! Пешниҳод шуд, ки комиссияи ҳисоб барои шумурдани овозҳо дар ҳайати:

1. Хочаев Парвиз Давронович;
2. Калемуллоев Мунир Воҳидович;
3. Қодирзода Диловар Бахриддин ворид карда шаванд.

Кӣ ҷонибдори дар ҳамин ҳайат ташкил намудани комиссияи ҳисоб мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест? Якдилона ҷонибдорӣ гардид. (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, сухан барои эълон намудани натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ба раиси комиссияи ҳисоб Калемуллоев Мунир Воҳидович марҳамат устод.

**Калемуллоев М.В.** – Муҳтарам Раисикунанда, муҳтарам аъзёони шурои диссертатсионӣ, иҷозат диҳед шуморо бо протоколи № 2 маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 аз 30 – юми августи соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям (протоколи комиссияи ҳисобро мехонад).

**Раисикунанда:** Ташаккур! Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест? Якдилона тасдиқ карда шуд.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба қабули матни хулоса аз рӯйи диссертатсияи Раҳматзода М.Д. мегузарем, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

**Аъзои шуро:** Бо назардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ пешниҳодро ба овоз мемонам, хоҳишмандан мавқеи худро муайян кунед: тарафдор? – 14 нафар, муқобил? – нест, бетараф? – нест. Якдилона қабул карда шуд. Ташаккури зиёд!

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Акнун мегузарем ба қабули қарори маҷлиси шурои диссертатсионӣ.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**аз 30 - уми августи соли 2025, №123 ш. Душанбе**

Суханронии Раҳматзода Мавзунахон Даврон дар мавзуи «Мукамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Гулмо Толибовна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Олимов Исломхуҷа Аҳмадович, баромади муқарризони ғайрирасмӣ докторони илмҳои иқтисодӣ Калемуллоев Мунир Воҳидович ва Шарифов Зариф Раҳмоновичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи

қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳматзода Мавзунахон Даврон,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҳматзода Мавзунахон Даврон дар мавзуи «Мукамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Раҳматзода Мавзунахон Даврон дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Раҳматзода Мавзунахон Даврон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раисикунанда:**
**д.и.и., профессор** **Собирзода Н.М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**30 – юми августи соли 2025**